**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 336.221**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ҲУСЕЙНОВ УМАРҶОН САИДАКБАРОВИЧ**

# РОҲҲОИ ТАКМИЛИ АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи**
**ихтисоси 6D050900- Молия**
**(6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

**Душанбе – 2024**

Диссертатсия дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон анҷом дода шудааст

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илми:** | **Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;<br><br>**Яқубзода Маъруф Садруддин** - доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси – Молия, мудири шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия “12” апрели соли 2024, соати 13:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru; телефони котиби илмӣ: (+992) 935730010.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.tgfeu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи “____” _______ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ташаккул ёфтани муносибатҳои бозорӣ, бо дарназардошти шаклҳои нави хоҷагидорӣ, яке аз унсури муҳимтарини рушди иқтисоди миллӣ ин тақвият додани низомҳои андозбандӣ, аз қабили низоми соддакардашуда бо мақсади баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишвар, алалхусус субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ба шумор меравад. Масъалаи мазкур дар маҷмуъ, пайваста мавриди баҳсу мунозира ва роҳандозии давлату ҳукумат қарор гирифта, дар доираи барномаҳо ва стратегияҳои рушд мақоми махсусро андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ мегирад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати рушди фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ роҳандозии чунин тадбир таъкид гардидааст: “такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади содагардонии маъмурикунонии андоз ва коҳишдиҳии сарбории андоз барои соҳибкории хурд ва миёна, ичунин ташаккули низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ”.[1] Дар робита ба ҳамин, ҳалли масъалаҳои тақвият додани иқтидори иқтисодӣ дар заминаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ мухим арзёбӣ мегардад, зеро он ба афзун гардонидани воридоти андозӣ ба низоми мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, авҷ гирифтани хизматрасониҳои босифат, инчунин ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, ташаккул ва татбиқи иқтидори иқтисодӣ дар заминаи рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мубрами рушди иқтисоди миллӣ буда, зарурати омӯзиш ва таҳқиқи онро дар сатҳи ҷумҳурӣ ба миён овардааст.

Дар самти ҳалли масъалаи болозикр ва татбиқи иқтидори иқтисодии кишвар мушкилоти назариявӣ, методӣ ва амалӣ арзи вуҷуд доранд. Бинобар ин, вусъат додани рушди иқтисоди миллӣ бо истифода аз шаклҳои нави хоҷагидорӣ, аз қабилӣ рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ, дар шароити бозор ҳамчун низоми тақвиятдиҳандаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишвар тавассути рушди соҳибкории истеҳсолӣ заминаи моддие ба шумор меравад, ки фаъолияти ҳамгироии байни субъектҳои хоҷагидор вусъат дода, занҷираи арзиши иловашударо аз ҳисоби коркарди ашёи хоми ватанӣ ва ба маҳсулоти тайёр табдил додани он баланд мегардонад ва ҳамзамон устувории буҷети сатҳҳои гуногунро таъмин менамояд. Аз назари мо, дар ниҳояти кор он ба афзоиши ҳаҷми содирот ва коҳишёбии вобастагии иқтисодиёти кишвар аз воридот мусоидат мекунад.

Нуқтаи асосии тақвияти рушди субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ бо дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ омили муҳим баромад мекунад. Ҳолати мазкур, муайянкунандаи иқтидори иқтисодӣ ва тақвияти иқтидори нави буҷетии кишвар ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки баҳодиҳӣ, таҳлил ва дурнамои

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – 103с. – С.91.

воридоти андозии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ, дар робита бо татбиқи низомҳои махсуси андозбандӣ, барои дар оянда бароҳ мондани равандҳои муфиди ташаккул ёфтани иқтидори буҷети давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамчун шарти муҳим баромад мекунанд. Дар ин самт, барои ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоии дурнамо ҷараёни такмилдиҳии андоз дар доираи рақамикунонии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ омили таъсирбахш мебошад.

Истифодаи низомҳои махсуси андозбандӣ дар доираи ташаккули субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар самти рушди истеҳсолот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз дар адабиёти ватанӣ аз нуқтаи назариявӣ, методӣ ва амалӣ бо пуррагӣ омӯхта нашудааст. Дарёфти роҳҳои такмилдиҳии назариявӣ ва амалии тақвият додани шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар робита ба низоми андозбандӣ хеле муҳим мебошад. Мураттаб гардонидани механизми ташаккули сиёсати андозбандии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва чораҳои таъсири идоракунӣ ба объект вобаста ба таъсири меъёрҳои андоз хело зарур мебошад. Дар ин самт, ҷой доштани механизми ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории хурди истеҳсолӣ ва рушди саноатӣ имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки такмили вазъи молиявии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз муқаррароти ташаккулёбии намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ ҳамчун шароити таъсирбахш баромад мекунанд.

Омӯзиши санадҳои ташкилию меъёрӣ ва иқтисодӣ оид ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумуҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки айни ҳол дараҷаи рушди субъектҳои истеҳсолии мазкур пурра набуда, дар зинаҳои ташаккулёбӣ қарор дорад. Яъне, дар ин самт зарурати дастгирии давлатии субъектҳои хоҷагидории хурду миёнаи бахши воқеӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ дар робита ба истифодаи низомҳои махсуси андозбандӣ аҳамиятнок гардидааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аз нигоҳи ҷанбаҳои алоҳидаи асосҳои назариявии танзими андозбандӣ олимони хориҷӣ аз қабили Т.Ф. Юткина, О.В. Врублевский, М.В. Романовский, Ж.Б. Сэй, Макаренко Т.Н., А.Г. Куликов, В.Н. Николаев, И.П. Павлов., М.П. Антонова, В.А. Баринова, В.В. Громов, С.П. Земцов, А.Н. Красносельских, Н.С. Милоголов, А.А. Потапова, Ю.В. Царева, В.И. Макарова, Н.А. Новикова ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд.

Масъалаи ташаккули асосҳои назариявӣ ва амалии андозбандии соҳибкории хурд дар корҳои таҳқиқотии Н.И. Малис, О.О. Юшкова, И. Грохотовой, А.Д. Крутов, С.А. Пушин, И. Андреева, С. Бахрушина, В. Глухова, С.Никитина, О.Козлова, Т.Кольцовой, М.Корнеевой, В.Петрова ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирфтааст.

Ба олимони ватанӣ, ки дар ҳалли ҷанбаҳои алоҳидаи андозу андозбандӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ саҳми назарраси худро гузоштаанд, метавон корҳои илмии Л.Ҳ. Саидмуродзода, И.Р. Иброҳимзода, Д.Г. Гулмирзоев, Х.Р. Улуғхоҷаева, Р.К. Раҷабов, А.Б. Мирсаидиов, С.Ҳ. Ҳабибов, С.Ҷ. Комилов, С. Маъдиев, Ҳ.А. Абдуалимзода, А. Бегматов, Х. Ҷумабоев, Т.С. Исломов, У.М.

Воҳидов, Ҷ.Л. Саидмуродов, М. Ҷамшедов, М.А. Одинаев, М.С. Содиқов ва дигаронро дохил намуд.

Ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалияи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар доираи низомҳои андозбандӣ мавриди баҳсу мунозираҳои зиёди олимону коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ қарор дорад. Дар баробари ин, ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии масъалаи такмили таҳлил ва идоракунии соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Муҳтаво ва муқаррароти диссертатсия бо як қатор барномаҳои давлатии марбут ба рушди низоми андозӣ-молиявӣ мутобиқат намуда, онро дар татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши андозу молия, дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва қабули барномаи «Буҷетикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи солҳои 2025», дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи раҳнамою дастурамалҳо, инчунин ҳангоми таҳияи барномаҳои такмили маъмурикунонии андоз истифода бурдан мумкин аст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** ин мураттаб гардонидани нуктаҳои муҳимми назариявӣ ва коркарди пешниҳодҳо оид ба хусусиятҳо ва қонуниятҳои такмилдиҳии низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- таҳқиқи масъалаҳои назариявию методии такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ;
- муайян намудани тамоилҳои низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ, муқоиса ва имкониятҳои истифодабарии таҷрибаи пешқадами ИДМ;
- таҳлили дигаргуншавии вазъи иқтисодии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ;
- арзёбии таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ тавассути моделҳои эконометрикӣ;
- асоснок намудани самтҳои такмили механизми андозбандии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ва дурнамои рушди онҳо;
- пешниҳоди тавсияҳо оид ба самтҳои такмили низоми андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ.

**Объекти таҳқиқот** ин омӯзиши роҳҳои такмилдиҳии андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёна истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот** ин муносибати иқтисодию молиявии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва такмили андозбандии он барои рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** аз муқаррароте бар меояд, ки такмилдиҳии соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ бо дарназардошти низомҳои махсуси андозбандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи сафарбар намудани усулҳои арзёбӣ бо мақсади такмилдиҳии андозбандии фаъолияти онҳоро фарогир бошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** дастовардҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба таҳқиқи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, робитаи онҳо ба интихоб ва сафарбар намудани низомҳои махсуси андозбандӣ, равияҳои назариявӣ ва методии ташаккул ёфтани иқтидори иқтисодии бахши воқеӣ аз ҳисоби сафарбар намудани механизмҳои нави хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидаанд, ташкил медиҳанд.

Дар раванди таҳияи таҳқиқоти илмӣ аз равиши системавӣ ва истифодаи усулҳои таҳлили умумииқтисодӣ, усулҳои муқоисавӣ, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ ва усули мантиқӣ истифода гардидаанд.

**Сарчашмаи таҳқиқот.** Ба сифати сарчашмаҳои илмии таҳқиқот санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти дар маҷаллаҳои илмии ватанию хориҷӣ ва сомонаҳои расмии интернет оид ба масъалаҳои андозбандӣ ва фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ нашршуда баромад мекунанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар давоми солҳои 2020-2023 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии назариявӣ ва методиии механизми амалигардонии рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Натиҷаҳои нисбатан воқеии ба сифати навгонӣ пешниҳодшуда дар мавридҳои зерин баён гардиданд:

1. Муқаррар намудани роҳҳои ташаккулёбии назария ва методикаи такмилдиҳии андозбандии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо нишон додани таркиби фаъолияти соҳибкорӣ дар маҷмуъ аз ҳисоби ба кор даровардани иқтидори истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар шароити гузариш аз сохти аграрӣ ба саноатӣ-аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммиятнок мебошад.

2. Муайян намудани тамоилҳои андозбандии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ бо нишон додани мақоми дастгирии давлатии соҳибкорӣ иборат аст. Дар ин раванд, васеъ намудани ҳаҷми истеҳсолот дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ, маблағгузории чорабиниҳо оид ба мустаҳкам кардани фаъолгардонии заминаи моддӣ-техникӣ, рушди муносибатҳои берунӣ ва омӯхтани таҷрибаи пешқадам барои таъмини рушди соҳибкории истеҳсолии кишвар мебошад.

3. Таҳлил ва муайян намудани омилҳо ва ҳолати дигаргуншавии фаъолияти субеъктҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ бо мақсади ошкор намудани алоқамандии байни воридоти андоз ва омилҳои таъсиррасони субъектҳои соҳибкории хурду миёна, соҳибкории инфиродӣ тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тибқи истифодаи имкониятҳои эконометрикӣ.

4. Арзёбӣ ва коркарди механизми ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории истеҳсолӣ ва такмили вазъи молиявии соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мураттаб гардонидани низоми ташаккули сиёсати андозбандии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва чораҳои таъсири идоракунӣ ба объект вобастабуда мебошад. Дар ин раванд, зарурияти таъсири меъёрҳои андоз хело зарур ҳисобида шуда, бо ҷой доштани механизми ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории хурди истеҳсолӣ имкониятҳои иқтисоди миллӣ фароҳам оварда мешавад.

5. Асоснок намудани роҳҳои такмили низоми махсуси андозбандӣ ва ташаккулёбии нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар заминаи дастгирии давлатии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ дар самти истеҳсол ва фурӯш ҳамчун заминаи моддии манбаи андоз ҷиҳати тадбиқи чорабиниҳои давлатӣ ба омили рушд табдил додани соҳибкорӣ. Дар ин самт, тақвият додани соҳибкории инфиродӣ бо роҳи беҳгардонии раванди маъмурикунонии андоз, истифодаи хизматрасониҳои электронӣ, вусъат бахшидани ҷараёни рақамикунонии муносибатҳои андозбандӣ ҳамчун воситаҳои муҳими рушди соҳибкорӣ дар асоси сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, васеъшавии манбаи андоз ва устуворгардонии буҷет равона гардидааст.

6. Дурнамои нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба самтҳои такмили низоми махсуси андозбандӣ, ки омӯзиш ва таҳқиқотро аз рӯйи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ моделҳои дурнамосозии воридоти андоз, шумораи субъектҳо ва даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, соҳибкории инфиродӣ тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар бар мегирад. Ҳамзамон, барои фаъол гардонидани субъектҳои хоҷагидории характери истеҳсолидошта алгоритм аз рӯйи панҷ нуқтаи муҳими тавсиявӣ таҳия ва пешниҳод гардонида шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ-методӣ ва амалии такмилдиҳии андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ;

- ошкор намудани тамоилҳои низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқоисаи он дар робита ба имкониятҳои истифодабарии таҷрибаи пешқадами ИДМ;

- асоснокгардонии равандҳои ташкилию методии дигаргуншавии вазъи иқтисодӣ ва андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ;

- интихоби омилҳои ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ таъсиррасон, ошкорсозии вобастагии байни онҳо ва таҳияи моделҳои регрессионии арзёбии воридоти андозӣ барои соҳибкории хурд, миёна, инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).

- коркарди моделҳои дурнамосозии воридоти андоз, шумора ва даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷиҳати таъмини самарабахшии идоракунии стратегӣ;

- таҳияи алгоритм, механизм ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз таҳиқиқ намудани заминаҳои назариявӣ ва методии истифодаи равишҳо ва усулҳои гуногуни такмили низоми андозбандии рушди соҳибкории истеҳсолӣ иборат мебошад. Амалӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар самти такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи низомҳои махсуси андозбандӣ бо мақсади васеъ кардани иқтидори иқтисодӣ ва заминаҳои нави андозбандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз механизм, алгоритм, усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ бар меояд.

Баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳо, ки дар кори илмӣ дарҷ гардидаанд, аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми андозӣ, беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва ҷамъоварии андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, паст намудани меъёрҳои андозҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат карда метавонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути гузаронидани таҳлилҳо, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди оморию эконометрикии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ ва муқоисавӣ таҳия гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мутобиқат мекунад: 2.4. Пешгӯйӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти системаи андозӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 3.14. Назария, методология ва методҳои заминавии андозбандии субъектҳои хоҷагидор.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи муаллиф ба амал омадааст. Муаллиф мавзуи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок ва нақшаи мантиқии иҷрои таҳқиқоти илмиро таҳия намудааст. Докторант маводи мавзуи таҳқиқотиро мустақилона ҷамъоварӣ карда, онҳоро коркарди илмӣ намудааст ва дар заминаи омӯзиши

асосҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмил додани фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ, дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ вобаста ба шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон, бо роҳи таҳия ва пешниҳоди механизмҳо, алгоритм ва моделҳои эконометрикӣ хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, иштироки бевоситаи муаллиф дар тадқиқот бо нашри мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар семинарҳо, конфронсҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми омӯзиши роҳҳои такмили фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ дар шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон истифода шуданд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таълим дар факултети молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳамчун воситаи методӣ истифода бурда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мавзуи диссертатсия муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кардааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербор, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 170 саҳифаи компютерӣ буда, 13 ҷадвал, 9 расм, 16 формула, 5 диаграмма ва 152 номгӯйи адабиётро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи омӯхта шудани масъалаҳои гузошташуда, ҳадаф ва вазифаҳо, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот муайян карда шудааст ва ҳамчунин объект ва усули таҳқиқот нишон дода шудаанд.

**Дар боби аввал – “Асосҳои андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ” -** муаллиф таваҷҷуҳи махсуси худро ба масъалаҳои таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ-методии андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, хусусиятҳои низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба омӯзиши таҷрибаи байналмилалии андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ ва имкониятҳои истифодабарии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намудааст.

Муаллиф дар рафти таҳқиқот ҷиҳатҳои заминавии ташаккулёбии назария ва методологияи муносибатҳои андозбандиро дида баромада, механизми рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва усулҳои муфидгардонии онро пешниҳод намудааст.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки инкишофи инфрасохтори истеҳсолию хизматрасонӣ шароити муҳими васеъ гардидани заминаи андозбандӣ ва устувор гардидани молияи давлатӣ буда, соҳибкорӣ дар ин самт муҳаррики асосӣ ба шумор меравад. Воқеан омӯзиши соҳибкории истеҳсолӣ ва алоқамандии он бо низоми андозбандӣ асоси воқеӣ дошта, воситаи муҳими истифодабарии фишанги идоракунӣ дар баланд бардоштани сатҳи соҳибкории

истеҳсолӣ ифода меёбад. Вобаста ба ин, муаллиф низоми ташаккули моделҳои андозбандӣ ва таъсири он ба рушди соҳибкории истеҳсолиро коркард ва пешниҳод намудааст (ниг. ба расми 1).




**Расми 1. Низоми ташаккули моделҳои андозбандӣ ва таъсири он ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Тавре аз расми 1 бар меояд, таркиби асосҳои назариявию методии ташаккул ёфтани моделҳои низоми андозбандӣ аз инъикос намудани ҷиҳатҳои умумӣ ва инфиродӣ иборат мебошад. Аз назари мо баэътибор гирифтани чунин низоми назариявию методӣ ва дар алоқамандӣ истифода бурдани онҳо барои шарҳи мақом, аҳамият ва вазифаҳои андоз дар пешбурди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва иқтисоди миллӣ вобаста ба шарҳи мақом, аҳамият ва вазифаҳои андоз аҳаммияти назаррас дорад.

Таҷрибаи аксари мамлакатҳо нишон медиҳад, ки меъёри баланди андозбандӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ таъсири манфӣ мерасонад, ки ин ҳолат дар натиҷаи кор ба коҳишёбии пардохтҳои андозӣ боис мегардад. Бинобар ин, аз назари мо, ба эътибор гирифтани чунин ҳолат ва қабул намудани чорабиниҳои ҳавасмандгардонии андоз дар самти рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ хеле ба маврид буда, тақвият додани фаъолияти он бо дарназардошти такмили назария ва методологияи андозбандӣ дар ин соҳа аҳамияти назаррас дорад.

Ба андешаи муаллиф дар равандҳои ташаккул ва инкишофи муносибатҳои бозорӣ тақвият бахшидани нерӯи истеҳсолӣ аз ҳисоби сафарбар намудани имкониятҳои соҳибкории хурду миёна муҳим буда, дар ин ҷода ба эътибор гирифтани хусусиятҳои танзими андозбандии субъектҳои мазкур аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ҳангоми ба эътибор гирифтани чорабиниҳои воқеъбинона, меъёри гаронии андоз барои соҳибкорони истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд беш аз 15% бошад. Ҳамзамон, дар диссертатсия бо мақсади таъмини рушди соҳибкории истеҳсоли хурду миёна, ба эътибор гирифтани як қатор чорабиниҳо пешниҳод гардидааст.

Аз нигоҳи муаллиф мақсади асосии ташкил ва амалигардонии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ аз таъмини бехатарии озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ва минтақаҳои алоҳида он иборат мебошад. Муаллиф андеша дорад, ки дар мавриди ба эътибор гирифтани махсусгардонии

истеҳсолӣ дар кишвар субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ имкониятҳои зиёди ба даст овардани иқтидори иқтисодию молиявиро соҳиб мегарданд.

Тибқи омӯзиши таҷрибаҳо муайян карда шудааст, ки дар самти ташкили корхонаҳои хурд ва фаъолияти онҳо ҳолатҳои маъмурӣ тақозои муфидгардониро доранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба талаботи аҳолӣ ба молу маводҳои истеъмолию ғайриистеъмолӣ аксарияти онҳо аз ҳисоби воридот таъмин мешаванд. Бинобар ин, барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ аз қабили молҳои озуқаворӣ афзун гардонидани молу хизматрасониҳои ниёзи аввалия айни ҳол бениҳоят зарур арзёбӣ мегардад. Мутобиқи маълумоти омори расмӣ дар соли 2021 ҳаҷми воридот дар маҷмӯъ 4209,5 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода, дар таркиби он маҳсулоти озуқаворӣи чарбу, равғани растанӣ ва чорво 148,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.[2] Дар мавриди таҳлил ва ба эътибор гирифтани истеъмолоти хӯрокворӣ ба ҳар нафар аҳолӣ маълум карда шудааст, ки 51,2% - и маҳсулоти озуқаворӣи равғани растанӣ аз берун ворид мегардад.

Дар диссертатсия вобаста ба таҷрибаи таърихии мамлакат қайд гардидааст, ки дар бобати андозбандии корхонахои хурд чорабиниҳои боз ҳам зиёдтар лозим меояд. Татбиқи ин гуна чорабиниҳо дар раванди таҳияи ҳуҷҷатҳои ташкилию ҳуқуқии низоми андозбандӣ, аз ҷумла Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-якуми январи соли 2022 оғоз гардида, барои минбаъд фаол гардонидани соҳибкории истеҳсолӣ заминаҳои мусбӣ фароҳам оварда шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муайян кардани категорияҳои фаъолияти соҳибкории инфиродии соҳавӣ аз истифодаи низоми махсуси андозбандӣ вобастагӣ дорад. Бо мураккаб будани объекти андоз дар бахшҳои номбурда зарурати содакунии истифодабарии низоми андоз ба миён меояд. Аз назари мо, ҳалли ин масъала имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки баробарии иҷтимоӣ ва сабукии сарбории андозро дар бахшҳои номбурда муфид мегардонад.

Диссертант қайд менамояд, ки ҳалли масъалаи ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусиву соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мадди аввал меистад. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар самти тақвият додани соҳаҳои истеҳсолӣ яке аз самтҳои афзалиятнок муайян намудааст. Арзёбии меъёрҳои андозии давлатҳои Осиёи марказӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарбории андоз нисбат ба фоидаи субъектҳои истеҳсолӣ тафовути баландро дарбар мегирад.

Вобаста ба зарурати фаъол гардонидани рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ин самт як қатор корҳои муҳим анҷом дода шуданд, аз ҷумла дар Кодекси нави андози Ҷмуҳурии Тоҷикистон намудҳои андоз аз 10 номгӯй ба 7 номгӯй расида, ҳамзамон ҷиҳати тақвият додани рушди соҳибкории истеҳсолӣ имтиёз ва сабукиҳо муқарар гардидааст, ки татбиқи онҳо ба коҳишёбии сарбории андоз дар таркиби фоидаи субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат менамояд.

---

[2] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2022. - С.328.

Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи байналмилалии андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ маълум гардид, ки барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ пеш аз ҳама бояд коркарди ашёи хоми ватанӣ бо истифода аз имкониятҳои дохилӣ бо дарназардошти шароити табиӣ-иқлимӣ ва аломатҳои хоси фаъолияти онҳо ба роҳ монда шуда, аз ҳисоби маҳорати мустақилонаи ташабускории субъектҳои истеҳсолӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он заминаҳои муфиди истеҳсол ва хизматрасонӣ таъмин карда шавад.

**Дар боби дуюм - “Таҳлил ва арзёбии фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи истифодабарии низомҳои махсуси андозбандӣ”** – вазъи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ҳолати иқтисодӣ-молиявии корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ва таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудааст.

Ба андешаи муаллиф, баланд бардоштани сатҳи истеҳсолот ва васеъ кардани манбаи андозбандӣ аз ҷорӣ намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ вобастагии калон дорад. Бинобар ин, дар ҷумҳурӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуда, барои беҳгардонии вазъи иқтисодӣ ва рушди иқтисодиёти минтақаҳо чорабиниҳои махсус амалӣ гардида истодаанд. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ, рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ ва тақвият додани иқтидори молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсади асосии давлату ҳукумат мебошад. Тавре таҳқиқот нишон медиҳад, дар семоҳаи аввали соли 2022 шумораи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома ва патент фаъолияткунанда, инчунин хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи дигаргуншавии таркибӣ ҳолати зеринро дар бар гирифтааст (ниг. ба диаграммаи 1).




**Диаграммаи 1. Дигаргуншавии таркиби минтақавии фаъолияти соҳибкории инфиродии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022, адад**

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2022. - С.336.

Аз маълумоти диаграммаи 1 бар меояд, ки дар мавриди ба эътибор

гирифтани таркиби фаъолияти соҳибкорӣ аз руйи характери фаъолият ва рушд ёфтани соҳибкории хурду миёна ба таври тафриқавии рушди соҳибкорӣ ба назар мерасад ва дар баробари ин, хусусиятҳои минтақавӣ низ барои рушди соҳибкорӣ ҳамчун омили таъсиркунанда баромад мекунанд. Дар мавриди ба эътибор гирифтани хусусияти индустриалии кишвар теъдоди назарраси фаъолияти соҳибкории тибқи шаҳодатнома амалкунанда асосан ба вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе рост меояд. Бартарии ин намуди фаъолият дар фароҳамгардии имконияти васеъгардонии шароити ташаккули манбаи андоз аз ҳисоби занҷираи арзиши иловашуда ифода меёбад, ки он ҳамчун омили афзуншавии иқтидори андозӣ баромад мекунад. Ҳамзамон дар мавриди ба эътибор гирифтани раванди кластерикунонӣ имкониятҳои зиёд дар вилояти Суғд ва Хатлон ҷой доранд. Зеро дар заминаи таъмини ҳамоҳангии ниҳодҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ва роҳандозии мухсусгардонии истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ имконияти васеъ гардонидани иқтидори иқтисодӣ ва манбаи андозӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он фароҳам оварда мешавад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории истеҳсолӣ бояд ҳамчун соҳаи афзалиятнок интихоб гардад, чунончи он ба афзоиши иқтидори иқтисодии кишвар ва дар натиҷа ба зиёдшавии воридоти андоз мусоидат менамояд. Ба андешаи муаллиф, рушди соҳибкории истеҳсолӣ бояд ба коркарди ашёи хоми ватанӣ нигаронида шавад.

Дар баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва фаъолгардонии соҳибкории истеҳсолӣ масъалаи моликият аҳамияти муҳим дорад. Бинобар ин, масъулияти субеъктҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳамоҳангӣ ва дастгирии давлатӣ шароити муфиди рушдро ба миён меорад. Муаллиф шарикии байни давлат ва бахши хусусиро мувофиқ ба салоҳияти мақомотҳои сатҳи минтақавӣ ва умумиҷумҳуриявӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ зарур мешуморад. Дар ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳо аз рӯйи шаклҳои моликият суръати зиёдшавӣ дошта, дар ин самт лозим аст, ки вобаста ба талаботи муносибатҳои нави бозорӣ саҳми корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ бояд нисбатан бештар гардиад. Аз назари муаллиф, маҳз ҳамин гуна таносуб ҳамчун муайянкунандаи дигаркуниҳои куллӣ дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ баромад мекунад.

Муаллиф андеша дорад, ки рушди минбаъдаи соҳибкории истеҳсолӣ аз нигоҳи инкишофи техникаю технологияҳои навин иқтидори истеҳсолиро зиёд карда, бо дарназардошти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ мақоми таъсирбахшро пайдо мекунад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки имрӯзҳо раванди таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои истеҳсолии ба соҳибкории хурд ва миёна асосёфта то ҳол қаноаткунанда намебошад. Дар мавриди ба эътибор гирифтани мақоми корхонаҳои хурд аз ҳисоби ташаббускорӣ, навоварӣ ва дигар бартариятҳои он ҳиссаи корхонаҳои хурд, миёна ва калон дар ММД мувофиқан 3,3, 12,3 ва 84,7%-ро дар соли 2021 ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар маҷмуи даромадҳои

андозӣ ҳиссаи онҳо мувофиқан 3,0, 9,8 ва 53,7%-ро ташкил медиҳад.[3] Қайд кардан ба маврид аст, ки саҳми саноат дар ташаккули иқтидори иқтисодӣ ва иқтидори андозӣ дар ҷумҳурӣ хеле назаррас мебошад. Бинобар ин, тақвиятёбии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар самти сафарбар кардани онҳо ба коркарди ашёи хоми ватанӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани диверсификатсияи молу хизматрасониҳо мақоми ҳалкунанда дорад (ниг. ба ҷадв. 1).

**Ҷадвали 1. – Нишондиҳандаҳои умумииқтисодии рушди истеҳсолоти саноатӣ ва фаъолияти инфиродии меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2021**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тағйирот, 2021 нисбат ба 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, адад | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 103,8 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | 16770 | 19453 | 23597 | 26098 | 29543 | 32143 | 38829 | 231,5 |
| Шумораи миёнаи солонаи кормандони истеҳсолоти саноатӣ, ҳаз. нафар | 81,2 | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 105,0 |
| Аз ҷумла, коргарон дар саноат, ҳаз. нафар | 67,0 | 65,9 | 73,8 | 72,1 | 73,2 | 67,7 | 68,3 | 101,9 |
| Шумораи фаъолияти инфиродии меҳнатӣ, ҳаз. нафар | 243,8 | 257,1 | 270,1 | 284,7 | 295,7 | 304,0 | 307,8 | 126,3 |

**Сарчашма**: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе, 2022. – С. 236, 252.

Аз маълумоти ҷадвали 1 чунин бар меояд, ки дар натиҷаи татбиқи нақшаву барномаҳои давлатӣ саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2015 – 2021 нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти саноат афзоиш ёфта, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба андозаи 22059,0 млн. сомонӣ ва шумораи коргарон ба 1,3 ҳаз. нафар зиёд гардидааст. Ҳамзамон суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ зиёда аз 2,3 маротиба ва шумораи коргарони соҳа 1,9% афзоиш ёфтааст, ки чунин таносуб аз истифодаи самараноки техника ва технологияи нав дар соҳаи саноат дарак медиҳад.

Дар заминаи таҳлили вазъи ҳолати иқтисодӣ-молиявии корхонаҳои хурди истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2021 дар диссертатсия оварда шудааст, ки вазъи молиявии умумии корхона ва ташкилотҳо вобаста ба соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва сохтмон дар ҳолати тафриқавӣ қарор дорад, аз ҷумла майли зарароварӣ дар соҳаи кишварзӣ бештар ба назар расида, дар соҳаҳои саноат ва сохтмон бошад, вазъи молиявӣ нисбатан хуб ба назар мерасад (ниг. ба ҷадв. 2).

[3] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе, 2022. – С. 213; Ҳисоботи Кумитаи андози назди ҲҶТ.

**Ҷадвали 2. Фаъолияти молиявии корхонаю ташкилотҳо вобаста ба соҳаҳои иқтисодӣ дар солҳои 2015-2021**

| Соҳаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Кишоварзӣ** | | | | | | | |
| Миқдори умумии корхонаҳо, адад | 421 | 463 | 466 | 506 | 1140 | 1017 | 1636 |
| Маблағи фоида, фоида (+), зарар (-), млн. сомонӣ | **-1,9** | **-25,0** | **-1,9** | **-64,4** | **-57,2** | **-22,4** | 2643,3 |
| **Саноат** | | | | | | | |
| Миқдори умумии корхонаҳо, адад | 730 | 774 | 825 | 904 | 1584 | 1648 | 1733 |
| Маблағи фоида, фоида (+), зарар (-), млн. сомонӣ | **-1981,9** | **-753,6** | **-711,8** | 572,3 | 1137,4 | **-3807,6** | 2885,9 |
| **Сохтмон** | | | | | | | |
| Миқдори умумии корхонаҳо, адад | 344 | 402 | 430 | 480 | 1122 | 1099 | 1244 |
| Маблағи фоида, фоида (+), зарар (-), млн. сомонӣ | 55,9 | 41,5 | 100,8 | **-263,8** | 191,6 | **-219,0** | 262,0 |

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф аз рӯйи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2022. – С. 407.

Муаллиф иброз менамояд, ки вазъи молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли хоҷагидорӣ аз омилҳои берунӣ ба монанди бухронҳои молиявӣ, иқтисодӣ ва пандемиявӣ вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз, дар натиҷаи таҳлил маълум гардидааст, ки дар давраи солҳои 2018, 2019 ва 2021 вазъи молиявии соҳаи саноат устоворӣ дошта, вале дар соли 2020 бинобар таъсири омили пандемиявӣ вазъи молиявии соҳаи мазкур ноустувор гардидааст. Дар маҷмуъ, вазъи молиявии соҳаи сохтмон нисбатан хубтар ба назар мерасад. Аз назари муаллиф, дар шароити номунтазамии рушди иқтисодӣ дарёфт ва сафарбар намудани имкониятҳои ҳамгироии дохилӣ, ба тариқи комплексӣ ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва дар ин замина тақвият додани даромади субъектҳои истеҳсолӣ ва пардохтҳои андозӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Таҳқиқи равандҳои ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории хурди истеҳсолӣ ва рушди саноатӣ нишон медиҳад, ки татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди саноат дар шароити муосир ба баъзе мушкилиҳо дучор меояд. Ин гуна мушкилот тақозо менамояд, ки ҳиссаи субъектҳои инфиродии соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ дар нишондиҳандаҳои умумии саноат бештар гардонида шавад, зеро зараровар будани субъектҳои хоҷагидор имкониятҳои татбиқи ҳадафҳои стратегиро маҳдуд мегардонад. Дар таҳқиқот зарурате ҷой дорад, ки дар асоси нақша-чорабиниҳо теъдоди корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолиро зиёд карда шуда, дар ин замина фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ фаъол гардонида шавад (ниг. ба расми 2).




**Расми 2. Механизми ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории хурди истеҳсолӣ ва рушди саноатӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Аз расми 2 мушоҳида мегардад, ки мақоми рушди субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар рушди минбаъдаи фаъолияти санотӣ дар кишвар аз ташаккулёбии корхонаҳои истеҳсолии характери саноатидошта вобаста мебошад, ки натиҷаи он ба устувории молиявӣ, сатҳи зиндагӣ ва ташаккули иқтидори андозӣ мусоидат менамояд. Аз назари муаллиф чунин механизм барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ҳамчун замина баромад намуда, дар низоми идоракунӣ ба сифати яке аз фишангҳои муҳим ва таъсиррасон башумор меравад.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки дар сикли фаъолияти корхонаҳои бузурги саноатӣ, аз ҷумла дар истеҳсоли семент ҳамчун маҳсулоти афзалиятнок, бояд корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсоли ғишти қолабӣ, маҳсулоти ёрирасони сохтмонӣ, қубурҳои соҳавӣ, даҳлезҳо ва ғайраҳо имкониятҳоеро фароҳам оранд, ки раванди истеҳсолот характери маҷмуӣ гирифта, бо хароҷоти камтарин ва нархи дастрас дар заминаи ташаккули занҷираи изофа устувории молиявиро таъмин намояд ва дар маҷмуъ ба тавсеаи заминаи андозбандӣ ва сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ боис гардад. Чунин равияро ҳамчун намуна ба тариқи тафриқавӣ дар бахшҳои дигари воқеӣ амалӣ намудан хеле муфид мебошад, алалхусус, дар соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, ба монанди кишоварзӣ, саноат ва сохтмон, ки онҳо дар ташаккул додани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ саҳми хело назаррас доранд, бояд ба эътибор гирифта шавад (ниг. ба ҷадв. 3).

**Ҷадвали 3. Теъдоди корхонаҳои хурд, ҳаҷми истеҳсол ва воридоти андоз дар солҳои 2020-2022**

| Соҳаҳо | Шумора, адад | | | Ҳаҷми истеҳсол ва фурӯш, млн. сомонӣ | | | Воридоти андоз, млн. сомонӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2021** | **2022** | **2020** | **2021** | **2022** | **2020** | **2021** | **2022** |
| **Корхонаҳои хурду миёна, хамагӣ** | 3096 | 3061 | 3026 | 1538,2 | 1316,8 | 1002,1 | 281,6 | 257,6 | 182,3 |
| **аз ҷумла:** | | | | | | | | | |
| **Саноат** | 1075 | 1060 | 1049 | 690,1 | 580,0 | 419,8 | 110,1 | 107,8 | 76,2 |
| **Кишоварзӣ** | 261 | 257 | 251 | 135,8 | 118,8 | 82,6 | 11,2 | 10,9 | 10,1 |
| **Сохтмон** | 1760 | 1744 | 1726 | 712,3 | 618,0 | 499,7 | 160,3 | 138,9 | 96,0 |

**Сарчашма**. Ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2022.

Маълумоти омории ҷадвали 3 далолат аз он медиҳад, ки дар давоми солҳои 2020–2022 соҳаҳои воқеии иқтисодӣ аз рӯйи теъдоди корхонаҳои хурд ва фаъолияти онҳо дар ҳамоҳангӣ имкониятеро фароҳам овардаанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот афзун гардида, бо афзоиши даромад воридоти андозро дар сатҳои гуногуни буҷетӣ таъмин намудаанд. Дар маҷмуи корхонаҳои хурд ҳиссаи соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва сохтмон вобаста ба теъдод дар соли 2022 мувофиқан 34,7, 8,4 ва 56,8%-ро ташкил медиҳанд. Дар ҳамин давра, натиҷаи истеҳсолии соҳаҳои мазкур мувофиқан ба 41,9, 8,2 ва 49,9% баробар буда, аз рӯйи воридоти андоз бошад, соҳаҳои мазкур дар соли 2022 мувофиқан тибқи уҳдадориҳои молиявӣ 41,8, 5,5 ва 52,7%-ро ташкил додаанд. Дар қиёс аз рӯйи саҳмгузорӣ ҳиссаи соҳаи сохтмон аз рӯйи ҳаҷми истеҳсол ва воридоти андоз нисбатан баланд буда, соҳаи саноат бошад, ҷойи дуюмро ишғол менамояд, ки аҳаммиятнокии онҳо дар таъмини некӯаҳволии мардум аз ҳисоби таъсиси ҷойҳои кории нав ва даромаднок ифода меёбад.

Дар таҳқиқот вобаста ба назария ва амалияи иқтисодӣ оварда шудааст, ки шуғл варзидан дар ин ё он намуди фаъолияти соҳибкорӣ зарурати истифодаи техника ва технологияи муосирро, аз қабили фондҳои асосӣ ва воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ, низоми логистикӣ тақозо менамояд. Аз ин ҷиҳат, барои дар амал татбиқ намудани раванди соҳибкории истеҳсолӣ барои ҳар як субъекти хоҷагидор лозим меояд, ки сармояҳои худиро ташаккул дода, бо истифода аз молу хизматрасониҳои рақобатпазир дороиҳои худро мунтазам таҷдид намоянд ва дар ин замина ҳаҷми истеҳсолу хизматрасониҳоро афзун гардонад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, дар доираи шарикии байни давлат ва бахши хусусӣ, истифодабарӣ аз фишангҳои бозорӣ ба монанди лизинг ва муносибатҳои қарзию молиявӣ соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили рушд баромад мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки асоси чунин амалиёти соҳибкории истеҳсолиро ҳамоҳангии зерсохторҳои бахшҳои воқеӣ ташкил медиҳад, ки онҳо дар доираи дастгирии соҳибкорон ва ҳиссаҷудокуниҳо ба пешгирӣ ва коҳиш додани хавфҳои иқтисодию молиявӣ мусоидат менамоянд, яъне соҳибкорони соҳаи истеҳсолӣ дар бахшҳои воқеӣ мунтазам дар доираи диверсификатсияи молу хизматрасонӣ ва навгониҳо бояд фаъолиятро тавре ба роҳ монанд, ки

манбаи андозбандиро васеъ гардонида, устувории буҷети ҷумҳуриявӣ ва минтақавиро таъмин намояд.

Муаллиф қайд менамояд, ки тақвият додани вазъи молиявии корхона ва ташкилотҳои истеҳсолӣ аз беҳтар гардонидани инфрасохтори фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ вобаста мебошад (ниг. ба расми 3).




**Расми 3. Механизми такмили вазъи молиявии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Аз нигоҳи ҳамгироии соҳаҳо ва чараёнгирии хизматрасонӣ (расми 3) ба андешаи муаллиф соҳибкории истеҳсолӣ характери маҷмуӣ дорад ва он танҳо дар асоси ба роҳ мондани ҳамгироии андешаҳои созандагӣ, навоварӣ ва алоқамандии байнисоҳавии кластерӣ муайян мегардад. То имрӯз тибқи назарияи мавҷуда дар ин самт мазмун ва моҳияти соҳибкории истеҳсолӣ маҳдуд баррасӣ меёфт. Мавқеи муаллиф аз рӯйи он муайян мегардад, ки мазмун ва мундаричаи соҳибкории истеҳсолиро аз рӯйи натиҷаи алоқамандии байни дастгирии давлатӣ ва соҳаҳои бахшҳои воқеӣ бо дарназардошти хизматрасониҳои рақобатпазир нишон медиҳад.

Тавре таҳқиқот нишон медиҳад, дар ҳолати ба эътибор гирифтани ҳиссаи андозҳо дар ММД маълум мегардад, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ аз тариқи васеъ кардани фаъолияти истеҳсолӣ ба яке аз омилҳои таъсиррасон табдил ёфта, заминаи иқтидори андозиро ташкил медиҳад. Аз нигоҳи муаллиф, ин омил дар арзёбии таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ воқеият дошта, барои тамоми соҳаҳои бахши воқеӣ имкониятҳои рушдро таъмин менамояд, ки асоси онро ташаббускорӣ, навоварӣ ва корчаллонии субъектҳои хурд ва миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ ташкил медиҳад. Дар робита ба ин масъала Кодекси андоз низомҳои махсус ва соддакардашудаи андозбандиро нисбат ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мусоидаткунанда пешбинӣ менамояд. Зимнан, имкониятҳои васеи диверсификатсияи истеҳсоли молу хизматрасониҳо бо истифода аз техника ва технологияҳои инноватсионӣ иқтидори арзиши

иловашударо ҳамчун унсури манбаи андозбандӣ афзун гардонида, устувории иқтисодиву молиявиро таъмин месозад.

Аз лиҳози ҳамчун фишанги кластерӣ баромад намудани унсурҳои зикргардида ва ташаббускории субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ, он дар арзёбӣ намудани таъсири низоми андозбандиро нисбат ба нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Истифодаи васеъи низоми содакардашудаи андозбандӣ ҳавасмандии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаро ба амал оварда, дар барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ, зиёд намудани иқтидори содиротӣ ва таъмини озуқаворӣ шароити мусоидро фароҳам меорад.

Арзёбии дараҷа ва динамикаи субъектҳои соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки тибқи ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2020–2022 дигаргуниҳои куллӣ ба амал омадааст, масалан, тамоиле ба назар мерасад, ки ҳиссаи корхонаҳои хурд ва миёна дар асоси истифодаи малакаю маҳорати соҳибкорӣ рушди прогрессивиро дар бар мегирад, яъне дар асоси ҳаҷм ва сифати истеҳсолу хизматрасониҳо пайваста даромади онҳо васеъ гардида, ташаккулёбӣ аз як шакл ба шакли дигари фаъолияти хоҷагидорӣ ба амал омадааст.

Дар давраи таҳлилӣ нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дигаргунии тафриқавиро дар бар гирфтаанд, масалан, агар корхонаҳои хурд дар ин давра ба теъдоди 1727 адад, корхонаҳои миёна 488 адад ва корхонаҳои калон 145 адад зиёд шуда бошанд, пас ҳаҷми истеҳсоли онҳо дар корхонаҳои хурд дар ҳаҷми 753,5 млн. сомонӣ коҳиш ёфта, дар корхонаҳои миёна ва калон бошад - мувофиқан ба андозаи 4235,8 ва 45977,4 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Агар воридоти андоз дар давраи таҳлилӣ аз ҳисоби корхонаҳои хурд 110,3 млн. сомонӣ кам гардида бошад, пас аз ҳисоби корхонаҳои миёна ва калон мувофиқан дар ҳаҷми 713,8 ва 3942,8 млн. сомонӣ ба буҷет воридоти андоз зиёд гардидааст. Ҳамзамон дар мавриди ба эътибор гирифтани фаъолияти корхонаҳои хурду миёна теъдоди онҳо дар давраи таҳлилӣ ба андозаи 2215 адад, ҳаҷми истеҳсол ва фурӯш 3482,3 млн. сомонӣ ва воридоти андоз бошад 603,5 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Аз таҳқиқот чунин бар меояд, ки тағйиротҳои тафриқавӣ характери ояндавӣ дошта, бо дарназардошти васеъ шудани ҷойҳои корӣ, гирифтани музди меҳнати мувофиқ ва дар маҷмуъ ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ аҳаммияти калон дорад. Аз нуқтаи назари арзёбии вобастагии воридоти андозӣ субъектҳои соҳибкории хурду миёна метавонанд дар заминаи ба эътибор гирифтани хусусиятҳои шакли хоҷагидорӣ таъсири ҳар як омилҳои таҳлилиро муайян намуда, дар асоси онҳо ҷиҳати таъмини рушди иқтисоди миллӣ стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро муайян намоянд. Ҳалли масъалаи мазкур аз мураттаб гардонии моделҳои ҳисобии иқтисодӣ-математикӣ вобаста ба шаклҳои хоҷагидорӣ (субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна) вобастагӣ дошта, арзёбӣ намудани онҳо муҳим шуморида мешавад.

Дар раванди таҳқиқ барои ошкор намудани алоқамандии байни воридоти андоз ва омилҳои таъсиррасони субъектҳои соҳибкории хурд, миёна,

соҳибкории инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳлили коррелятсионию регрессионӣ анҷом дода шудааст. Вобаста ба натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ дар ташаккули воридоти андоз дар сатҳи субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва соҳибкории инфиродӣ - даромади умумӣ ва дар сатҳи хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, - шумораи субъектҳо ва даромади умумӣ ҳамчун омилҳои таъсиррасон баромад мекунад. Ҳамзамон, барои муайян намудани таъсири омилҳои таҳлилӣ ба воридоти андоз, моделҳои регрессионии арзёбии воридоти андоз дар сатҳи субъектҳои соҳибкории хурду миёна, соҳибкории инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳия карда гардидааст:

1. Субъектҳои соҳибкории хурд:

$$\text{ВА}_{\text{СХ}} = 0{,}060871 \cdot \text{ДУ}_{\text{СХ}} \quad (1)$$

2. Субъектҳои соҳибкории миёна:

$$\text{ВА}_{\text{СМ}} = 0{,}118504 \cdot \text{ДУ}_{\text{СМ}} \quad (2)$$

3. Субъектҳои соҳибкории инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда:

$$\text{ВА}_{\text{СИШ}} = 2{,}111542 + 0{,}118754 \cdot \text{ДУ}_{\text{СИШ}} \quad (3)$$

4. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ):

$$\text{ВА}_{\text{ХД}} = 0{,}000083 \cdot \text{ШС}_{\text{ХД}} + 0{,}052768 \cdot \text{ДУ}_{\text{ХД}} \quad (4)$$

Дар ҳолати натиҷагирӣ аз моделҳои регрессионии таҳиягардидаи (1), (2), (3) ва (4) ба чунин хулоса омадан мумкин аст: агар даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурд, миёна ва соҳибкории инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 1 фоиз зиёд гардад, пас воридоти андозӣ ба ҳисоби миёна мувофиқан ба 0,060871, 0,118504 ва 0,118754 фоиз меафзояд. Ҳамзамон, ҳангоми ба як воҳид зиёд шудани шумораи субъектҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва бетағйир будани даромади умумӣ, воридоти андоз ба ҳисоби миёна ба 0,000083 фоиз меафзояд, инчунин дар ҳолати ба як фоиз зиёд гардидани даромади умумӣ ва бетағйир мондани шумораи субъектҳо, воридоти андозӣ аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ҳисоби миёна ба андозаи 0,052768 фоиз зиёд мегардад.

**Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии такмили андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ»** - асосноккунии самтҳои такмили низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ, андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ ва самтҳои такмилдиҳии он, мушкилот, дурнамо ва самтҳои такмили низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ асоснок карда шудааст.

Дар раванди таҳқиқ, бо роҳи арзёбии вазъи истеҳсолӣ, молиявӣ ва хизматрасонии субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба давраҳои таҳлилӣ муайян карда шудааст, ки дар байни нишондиҳандаҳои таркибии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна робитаи зич ҷой дорад. Аниқ карда шудааст, ки бо тағйирёбии тафриқавии субъектҳои мазкур пайваста бо дигаргуншавии шакли хоҷагидорӣ (яъне аз соҳибкории хурд ба миёна ва аз миёна ба калон) қимматҳои иқтидори

натиҷаҳои ниҳоӣ ба таври прогрессивӣ тағйир ёфтаанд. Масалан, дар давраи солҳои 2020-2022 дар заминаи тағйирёбии тафриқавӣ теъдоди субъектҳои соҳибкории миёна 488 адад ва калон 145 адад зиёд гардидааст, ки дар натиҷа заминаи ташаккулёбии ҳаҷми истеҳсол ва фурӯш, ҳамзамон ташаккул ёфтани буҷет аз ҳисоби воридоти андозӣ дар фаъолияти онҳо афзоиш ёфтааст.

Аз нигоҳи муаллиф дар равиши асосноккунии самтҳои такмили низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурди соҳибкории истеҳсолӣ зарурати пурзур намудани раванди таъмини маърифати молиявӣ талаб карда мешавад, ки он пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаи васеъ ба роҳ мондани имконияти саноатии истихроҷ ва коркарди маъдан, рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ, тавсеаи маводҳои сохтмонӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани коркарди ашёи маҳаллӣ вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, вобаста ба шароити ҷумҳурӣ ҷиҳати ташкил ва фаъолгардонии субъектҳои хоҷагидории характери истеҳсолидошта алгоритми зеринро пешниҳод гардидааст:

1. Муайнкунии самти фаъолияти истеҳсолӣ бо аниқ гардонидани мақсадҳои стратегӣ ва ҷорӣ.
2. Таҳлили омилҳои таъсиррасони дохила ва беруна ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ.
3. Коркарди чорабиниҳо ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои истеҳсолӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ.
4. Низомҳои махсуси андозбандӣ ва ташкили назорати даромадҳои андозӣ.
5. Васеъгардонии иқтидори иқтисодӣ, молиявию андозӣ ва иҷтимоӣ аз ҳисоби татбиқи субъектҳои нави хоҷагидорӣ.

Дар таҳқиқот таҳия ва коркарди чорабиниҳо ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои истеҳсолӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ҳамчун зинаи муҳимтарини идоракунии субъекти соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Арзёбии таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ, аз назари муаллиф, ба сохтор ва намудҳои андоз, характери таъсири онҳо ба фаъолияти иқтисодӣ ва гирифтани даромадҳо вобастагии зич дорад (ниг. ба расми 4).




**Расми 4. Механизми такмили танзими субъектҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёна тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз рӯйи мазмуни расми 4 маълум мегардад, ки соҳибкорони инфиродии аз рӯйи патент фаъолияткунанда мақоми махсусро ишғол намуда, дар раванди фаъолият ду намуди андоз -андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро пардохт менамоянд ва ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти хизматрасонии савдо вобаста ба масоҳати ишғолнамудаи онҳо фаъолият муайян карда мешаванд. Соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда бошанд ба соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷудо карда шуда, ба пардохти андози иҷтимоӣ ва мувофиқан супоридани андоз тибқи низоми соддакардашуда ва андози ягонаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ фаро гирифта мешаванд. Шахсони ҳуқуқӣ низ вобаста ба даромади солонаи бадастоварда тибқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ бо андозбандӣ фаро гирифта мешаванд. Қайд кардан ба маврид аст, ки субъектҳои соҳибкории миёна низ, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ баромад намуда, вобаста ба даромади солона тибқи низоми соддакардашуда андозбандӣ карда мешаванд. Дар ин замина, аз назари муаллиф арзёбӣ намудани алоқамандии воридоти андозӣ ва хизматрасониҳои андозӣ бо назардошти омилҳои таъсиррасон тибқи низомҳои андозбандӣ истифодаи усулҳои оморию эконометрикӣ ба маврид мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқ маълум карда шудааст, ки барои муайян намудани алоқамандии андоз ва фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, муҳити инноватсионӣ ҳамчун шароити афзоиш ёфтани иқтидори бозтавлиди истеҳсолӣ баромад намуда, бо ҷалби техникаю технологияҳои нав рушди фаъолияти соҳибкориро ба миён меорад.

Аз назари муаллиф, дар раванди оғоз ва пеш бурдани фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва фарогирии он бо имтиёзҳои андозбандӣ аз риояи бақайдгирӣ, макони ҷойгиршавии субъекти хоҷагидор, иҷрои уҳдадориҳо ва риояи меъёрҳои андозӣ вобастагии зич дорад. Ҳамзамон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорони инфиродии истеҳсолӣ воситаи такмил додани рушди фаъолияти хоҷагидориро дар бар гирифта, чунин ҷараён ҳамчун омили пешрафти иқтисодиёти миллӣ баромад мекунад. Дастгириҳои пайвастаи давлату ҳукумат дар ин ҷода ҳавасмандгардонии субъектҳои фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро тақвият дода, онро ба омили рушд табдил медиҳад, яъне такмил ва таъмини устувории дастгирию имтиёзҳои фароҳамовардаи давлат ва ҳукумат дараҷаи босуръати рушди фаъолияти соҳибкории инфиродии истеҳсолиро таъмин менамояд, зеро риояи принсипҳои андозбандӣ ҳавасмандгардонии онҳо ҳамчун заминаи муҳими даромадҳо ва пардохтҳои андозӣ ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун баромад мекунанд.

Дар рафти таҳқиқот бо мақсади дурнамои нишондиҳандаҳои таҳлилӣ бо истифода аз усулҳои оморию эконометрикӣ моделҳои дурнамосозии воридоти андоз, шумораи субъектҳо ва даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, соҳибкории инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳия карда шуда, дар асоси онҳо дурнамои нишондиҳандаҳои мазкур барои давраи солҳои 2023-2030 ҳисоб карда шудааст (ниг. ба ҷадв. 4).

**Ҷадвали 4 - Дурнамои нишондиҳандаҳои таҳлилии субъектҳои соҳибкории инфиродӣ, хурду миёна ва хоҷагиҳои деҳқонӣ барои давраи солҳои 2023-2030**

| | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Субектҳои соҳибкории хурд** | | | | | | | | |
| Воридоти андоз, млн. сомонӣ | 16,1 | 16,4 | 16,6 | 16,8 | 17,0 | 17,2 | 17,5 | 17,7 |
| Шумораи субъектҳо, адад | 601,7 | 602,7 | 603,7 | 604,7 | 605,6 | 606,6 | 607,6 | 608,6 |
| Даромади умумӣ, млн. сомонӣ | 262,9 | 265,8 | 268,6 | 271,5 | 274,4 | 277,4 | 280,4 | 283,4 |
| **Субъектҳои соҳибкории миёна** | | | | | | | | |
| Воридоти андоз, млн. сомонӣ | 387,7 | 414,0 | 440,2 | 466,5 | 492,7 | 519,0 | 545,2 | 571,5 |
| Шумораи субъектҳо, адад | 511,5 | 541,3 | 571,2 | 601,0 | 630,8 | 660,7 | 690,5 | 720,3 |
| Даромади умумӣ, млн. сомонӣ | 3209,4 | 3473,6 | 3759,5 | 4069,0 | 4403,9 | 4766,4 | 5158,7 | 5583,4 |
| **Субъектҳои соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда** | | | | | | | | |
| Воридоти андоз, млн. сомонӣ | 33,5 | 37,0 | 40,8 | 45,1 | 49,9 | 55,1 | 60,9 | 67,3 |
| Шумораи субъектҳо, адад | 4305,7 | 4596,5 | 4887,3 | 5178,1 | 5468,9 | 5759,7 | 6050,6 | 6341,4 |
| Даромади умумӣ, млн. сомонӣ | 250,3 | 278,1 | 308,9 | 343,2 | 381,3 | 423,7 | 470,7 | 523,0 |
| **Хоҷагиҳои деҳқонӣ** | | | | | | | | |
| Воридоти андоз, млн. сомонӣ | 30,3 | 32,3 | 34,4 | 36,6 | 38,9 | 41,4 | 44,1 | 46,9 |
| Шумораи субъектҳо, адад | 172864,0 | 176536,0 | 180208,0 | 183880,0 | 187552,0 | 191224,0 | 194896,0 | 198568,0 |
| Даромади умумӣ, млн. сомонӣ | 214,6 | 229,9 | 246,4 | 264,1 | 283,0 | 303,3 | 325,0 | 348,3 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Тавре аз натиҷаи дурнамои нишондиҳандаҳои таҳлилӣ бар меояд, онҳо майли зиёдшавиро дар бар гирифта, тамоили мазкур сиёсати дурусти дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар кишварро ифода менамояд. Дар самти ноил гардидан ба чунин дастовардҳо такмили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда дорад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки барои дар оянда коҳиш додани омилҳои субъективӣ бояд тадбирҳо дар самти назоратҳои андозӣ ба таври автоматӣ ба роҳ монда мешавад, чунончи ин минбаъд ба тарзи автоматии мушоҳидаи раванди андозбандӣ мусоидат менамояд. Дар мавриди риоя намудани талаботҳои қонунгузории соҳавӣ ва роҳ надодан ба қонунвайронкуниҳо нисбат ба андозсупорандагон санҷишҳои андозӣ маҳдуд карда шудааст, ки ин боиси рушди соҳибкории истеҳсолӣ мегардад. Қайд кардан бамаврид аст, ки чунин тарзи пешбурд ва ба роҳ мондани соҳибкории истеҳсолӣ дар таъмини рушди иқтисод хароҷотро коҳиш дода, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла даромадҳои андозӣ мунтазам меафзоянд.

Ба андешаи муаллиф, такмили низоми андозбандии кишвар барои рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна имкониятҳоеро ба миён меорад, ки дар самти ноил шудан ба рушди иқтисоди миллӣ дар бахшҳои гуногун, аз қабили ноил шудан ба дастовардҳои соҳаи ҳисобдорӣ, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, идоракунии молияи давлатӣ ва банақшагирии буҷети давлатӣ мусоидат менамояд, ки аз ҳисоби тақвияти соҳибкории истеҳсолӣ таъмини идоракунии захираҳои иқтисодӣ ба амал меоянд.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

Дар **интиҳои** таҳқиқот ҷамъбасти хулоса ва пешниҳодҳои зерин ироа гардидааст:

1. Дар заминаи баррасии ҷиҳатҳои заминавии ташаккулёбии муносибатҳои назариявӣ ва методии андозбандӣ механизми рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва усулҳои муфидгардонии он, бо дарназардошти асосҳои консептуалии ташаккули моделҳои низоми андозбандӣ ва таъсири он ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ, пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, мақоми фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми умумии соҳибкорӣ ва ҷабҳаҳои назариявӣ-методии андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ баррасӣ гардида, шароитҳои васеъ гардидани манбаи андозбандишаванда тариқи самаранок ба роҳ мондани фишангҳои андозӣ ва таъсири мусбии он ба иқтисоди миллӣ дида баромада шудааст. Мавқеи муаллиф дар ин ҷода вобаста ба асосҳои назариявӣ ва методии «Каҷхатаи Лаффер» ҷиҳатеро дар бар мегирад, ки тақвият ёфтани иқтисодиёти миллӣ аз ҳисоби соҳибкории истеҳсолӣ аз рӯйи характери фискалӣ гирифтани андоз баён гардида, ин дар ниҳояти кор ба коста гардидани манбаи андоз ва пардохтҳои андозӣ боис мегардад, ки мақом ва нуфузи фаъолияти субъектҳои андозсупоранда, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолиро мувофиқан коҳиш медиҳад [ М - 8 , 12];

2. Фаъол гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки дараҷаи баланди истеҳсолот ва хизматрасонӣ муҳайё гардида, бо истифода аз навигариҳои технологӣ, истеҳсол ва коркарди молу хизматрасониҳои мухталиф меафзояд, ки дар натиҷа он ба афзоиш ёфтани манбаи андозбандӣ оварда мерасонад [ М - 2];

3. Омӯзиши таҷрибаи байналмилалии андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ ва имкониятҳои истифодабарии он нишон медиҳад, ки ба эътибор гирифтани таҷрибаи андозбандии кишварҳои мутараққӣ ва дуру наздик бениҳоят зарур мебошад. Моликият ва шаклҳои гуногуни ихтиёрдории соҳибкорон заминаи рушди истеҳсолот ва васеъ кардани даромадҳо ба ҳисоб рафта, барои тақвиятёбии истеҳсолот аз шаклҳои нави хоҷагидорӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина, бо дарназардошти дастгирии давлатии соҳибкории хурди истеҳсолӣ ва истифодабарии фишангҳои молиявию андозӣ он ҳамчун омили муайянкунанда баромад мекунанд [ М - 8 , 15];

4. Дар асоси маълумоти расмии оморӣ бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии воридоти андоз аз омилҳои таъсиррасони субъектҳои соҳибкории хурду миёна анҷом дода шуд. Барои муайян намудани ҳиссаи омилҳои таъсиррасон ба воридоти андоз, моделҳои регрессионии арзёбии воридоти андозро дар сатҳи субъектҳои соҳибкории хурду миёна, соҳибкории инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳия карда шудааст. Натиҷаи моделҳои таҳиягардида нишон дод, ки агар даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурд, миёна ва соҳибкории инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба 1 фоиз зиёд гардад, ба ҳисоби миёна воридоти андозӣ мувофиқан ба 0,060871, 0,118504 ва 0,118754 фоиз меафзояд. Ҳамзамон, ҳангоми ба як воҳид зиёд шудани шумораи субъектҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва бетағйир будани даромади умумӣ, воридоти андоз ба ҳисоби миёна ба 0,000083 фоиз меафзояд, инчунин дар ҳолати ба як фоиз зиёд гардидани даромади умумӣ ва бетағйир мондани шумораи субъектҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, воридоти андозӣ аз ҳисоби онҳо ба ҳисоби миёна ба андозаи 0,052768 фоиз афзоиш меёбад [ М - 3 , 10];

5. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тақвият додани соҳибкории истеҳсолӣ истифодаи низомҳои махсуси андозбандӣ манфиатнок баромад мекунад. Дар доираи низоми мазкур аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба фаъолияти кишоварзӣ, аз ҷумла паррандапарварӣ, моҳипарварӣ, хӯроки паррандаю чорво таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, дар ин замина коркарди ашёи хоми ватанӣ -истеҳсолоти ватанӣ ва устувор гардидани вазъи молиявии буҷет таъмин мегардад. Бо истифода аз таҷрибаи байналхалқӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки бидуни дастгирии давлатӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ ғайриимкон мебошад. Маҳз дар ҳамин асос, бо дарназардошти шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва аломатҳои хоси фаъолияти онҳо коркарди ашёи хоми ватанӣ имкониятҳоеро ба вуҷуд меорад, ки даромадҳои инфиродии субъектҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ ба омили рушди иқтисоди миллӣ табдил ёбанд [ М - 5];

6. Дар баробари дида баромадани вазъи дигаргуншавии рушди субъектҳои фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае омадан мумкин аст, барои таъмини рушди соҳибкории истеҳсолӣ пеш аз ҳама, мақоми савияи дониши соҳибкорони истеҳсолӣ ва бо роҳи мураттаб гардонидани бизнес-нақшаҳо, тақвият бахшидани баҳисобгирӣ ва назорат дар самти муносибатҳои андозбандӣ хело муҳим баромад мекунад. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки рушди иқтисодӣ бо истифода аз имкониятҳои соҳибкории истеҳсолӣ заминаи боэътимоди иқтидори молиявӣ дар кишвар ба шумор меравад, ки бо таври мусоидати шуғли аҳолӣ, танзими муҳоҷират, васеъ намудани истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ, васеъ шудани манбаи андозбандӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад [ М - 4];

7. Омӯзиш ва таҳлили самтҳои такмили низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурди соҳибкории истеҳсолӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкории хурду миёна вобаста ба хусусиятҳои рушди иқтисодӣ-тафриқавӣ ба амал омада, асоснок гардонии он дар баробари дигар омилҳо ба низоми андозбандӣ вобастагии зич дорад. Асоснокӣ аз он бар меояд, ки дар давраи таҳлилӣ тағйирёбии теъдоди субъектҳои соҳибкории миёна ва калон мувофиқан зиёд гардида, дар ин асос ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳо ба ташаккул ёфтани буҷет боис мегардад. Ба таври тафриқавӣ таъсисёбии даромади солона вобаста аз шаклҳои нави фаъолияти хоҷагидорӣ дар доираи қонунгузории соҳибкории соҳавӣ ва андозбандии онҳо татбиқ гардонида мешавад. Хусусияти ин ҳолат дар он ифода меёбад, ки занҷираи арзиши иловашуда ҳамчун нишондиҳандаи таркибӣ таъсисдиҳандаи даромадҳои субъектҳои хоҷагидор бо дарназардошти дастгирии давлатӣ ба инобат гирифта мешавад, махсусан, ҳамчун тақвияти соҳибкории истеҳсолӣ дар доираи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки ин хоси шароити моддӣ ва иқтисодию иҷтимоии кишвар дар доираи ба роҳ монадани коркарди ҳамаҷонибаи ашёи хоми ватанӣ мебошад [ М - 4 , 9];

8. Такмили низоми андозбандӣ дар тамоми бахшҳо, аз ҷумла дар самти фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавҷудияти мушкилиҳо масъалаҳои марбут ба роҳҳои ҳалли онҳоро дар заминаи дуруст ба роҳ мондани дурнамосозиҳо ва таъмини дигаргуниҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба миён овардааст. Ташаббусҳо дар самти ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ аз қабили соҳибкории истеҳсолӣ дар мадди аввал қарор гирифта, бо интихоби варианти низомҳои махсуси андозбандӣ ҳамчун омили таъсирбахш баромад мекунанд. Мушаххас гардонида шудааст, ки дастгирии ҳамаҷонибаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ бо дарназардошти фароҳам овардани шароитҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иљтимоию иқтисодӣ ва молиявӣ барои тақвият додани бахши воқеии иқтисодиёти кишвар чорабиниҳои муҳимми тақвиятдиҳандаи фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолии хурду миёна ба шумор меравanд. Маълум карда шудааст, ки истифодабарӣ аз технологияҳои иттилотию иртиботӣ ва рақамикунонии фаъолияти субъектҳои бахшҳои воқеӣ, дар баробари истифодаи имкониятҳои дохилӣ ва сафарбар намудани ҳамкориҳои беруна, зарурути

воқеии рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро дар кишвар ба миён овардааст. Бо мақсади дурнамои нишондиҳандаҳои таҳлилӣ, моделҳои дурнамосозии воридоти андоз, шумораи субъектҳо ва даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, соҳибкории инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳия ва пешниҳод гардонида шудааст [ М - 9].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Бо мақсади васеъ намудани самтҳои такмили андозбандии фаъолияти истеҳсолӣ-соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи тадбирҳои зерин аҳамияти махсус дорад:

1. Масъалаи муфидгардонии андоз барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ омили таъсирбахш буда, пешниҳод карда мешавад, ки заминаи моддии рушди иқтисодӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ бо дарназардошти баэътибор гирифтани риояи қоидаҳои низоми андозбандӣ ба роҳ монда шавад. Мақоми давлат дар ин самт хело муҳим буда аз пешакӣ фаҳмонидани мақсад ва вазифаҳои низоми андоз, бо тариқи ҳамкорӣ таҳлил ва арзёбӣ намудани муаммоҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва ба роҳ мондани усулҳои нави назорати андозӣ дар ин самт иборат мебошад [ М - 3 , 5];

2. Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам маълум гардид, ки зиёд шудани меъёри андоз на танҳо боиси кам шудани истеҳсолот, балки ба канорашавии субъектҳои хоҷагидор ва баамал омадани ҳолатҳои номатлуб низ оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, пешниҳод карда мешавад, ки баэътибор гирифтани талаботҳои назария ва методикаи андозбандӣ дар ҳалли муаммоҳои рушди низоми иқтисоди миллӣ ва такмил додани муносибатҳои андозӣ хело зарур мебошад [ М - 15];

3. Омӯзиши масъалаҳои арзёбии ҳолати молиявию истеҳсолии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зарур гардидааст. Бинобар ин, танҳо бо сафарбар намудани фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар бахшҳои воқеӣ имкониятҳои иқтидори иқтисодӣ таъмин мегардад. Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки тақвият додани кластерҳои истеҳсолӣ манфиатнок буда, дар кишвар барои рушди соҳибкории истеҳсолии хурду миёна бо тақвияти соҳибкории истеҳсолӣ имкноияти рақобатпазирӣ пайдо менамояд. Маълумотҳои оморӣ собит месозанд, ки ҳаҷми маҳсулот ва шуғли коргарони бахшҳои воқеӣ рӯ ба афзоиш ниҳодаанд. Исбот карда шуд, ки вазъи молиявии соҳаҳои афзалиятноки бахшҳои воқеӣ аз қабили кишоварзӣ, саноат, сохтмон ва хизматрасониҳои иттилотию иртиботӣ хислати тавриқавӣ дошта, бо дарназардошти таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ солҳои охир нишондиҳандаҳои вазъи молиявӣ майли мунтазамӣ пайдо кардаанд. Аз ин ҳисоб, кӯшиш намудем, ки бо тариқи муаллифӣ механизми ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории хурди истеҳсолӣ ва рушди саноатиро барои рушди минбаъдаи фаъолияти санотӣ дар кишвар пешниҳод намоем [ М - 10];

4. Арзёбии таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муҳиммиятеро дар бар мегирад, ки дар он асосҳои

назариявию методӣ муайянкунанда баромад мекунанд. Пешниҳод карда шуд, ки бо дарназардошти баэътибор гирифтани хусусиятҳои аз тариқи кластерӣ ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ заминаи муфиди занҷираи арзиши иловашуда баамал омада, алоқамандии байни андоз ва фаъолияти соҳибкориро дар тамоми минтақаҳои кишвар тибқи Феҳрасти ягонаи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои тақвият додани даромад ва устувор гардонидани буҷети сатҳҳои гуногун фароҳам меорад. Дар баробари ин, таваҷҷуҳи махсус ба муҳити инноватсионӣ ҳамчун шароити афзоиш ёфтани иқтидори бозтавлиди истеҳсолӣ ва истифодаи техникаю технологияҳои нав дар рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ аз ҳисоби сафарбар намудани таҷрибаи пешқадам бо тақвияти рақамикунонӣ пешниҳод гардонида мешавад [ М - 1 , 3];

5. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баэътибор гирифтани ташаккулёбии низоми андозбандии амалкунанда дар фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ, мувофиқ ба талаботҳои бозорӣ зарурати такмилдиҳии дастгирии андозии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар самти мазкур ба миён омадааст. Бо дарназардошти диверсификатсияи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ барои такмили низомҳои махсуси андозбандии субъектҳои хоҷагидор истифодабарӣ аз усулҳои иқтисодӣ яке аз вазифаҳои асосии таъмини ҳадафҳои стратегии кишвар буда, барои ташкил ва фаъол гардонидани субъектҳои хоҷагидории характери истеҳсолидошта алгоритми мувофиқро, ки дорои панҷ қадам мебошад, пешниҳод намудем [ М - 4 , 9].

## ФЕҲРАСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ

### Мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшаванда:

[1 - М]. Ҳусейнов, У.С. Аҳаммияти истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда дар рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2020. - №4/1 (48). – С. 87-93.

[2 - М]. Ҳусейнов, У.С. Мушкилот ва роҳҳои такмили фаъолияти соҳибкории хурду миёна [Матн] / Ҳ.А. Абдуалимзода, У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2022. - №2. - С. 15-22.

[3 - М]. Ҳусейнов, У.С. Алоқамандии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва низоми андозбандӣ дар шароити бозор [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2021. - №1(50). - С. 118-125.

[4 - М]. Ҳусейнов, У.С. Такмили низоми андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва нақши он дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ [Матн]/ У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2021. - №2 (51). - С.104-111.

[5 - М]. Ҳусейнов, У.С. Хусусияти андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.А. Абдуалимзода, У.С. Ҳусейнов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2022. - №1(30). - С. 5-11.

[6 - М]. Ҳусейнов, У.С. Самтҳои асосии такмил додани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2023. - №1(35). - С. 279-286.

[7 - М]. Ҳусейнов, У.С. Саноат ҳамчун соҳаи афзалиятноки истеҳсолоти моддӣ [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2022. - №4/2.(59). - С. 160-170.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8 - М]. Ҳусейнов, У.С. Тамоюли рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси ҷалби сармояи хориҷӣ [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Равандҳои муосири муносибатҳои пулию қарзӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёт» (15-феврали 2020, ДССХ). – 2020. - С. 256-259.

[9 - М]. Ҳусейнов, У.С. Роҳҳои такмили андозбандии мустақим ҳамчун омили мувофиқсозии манфиатҳои давлат ва андозсупорандагон [Матн] / У.С. Ҳусейнов, Б.Ҷ. Азизкулов // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 7-уми декабри соли 2018). – Душанбе: ДДМИТ. - С.90-94.

[10 - М]. Ҳусейнов, У.С. Таҳлили вазъи муосири соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / У.С. Ҳусейнов, Ф. Холов // Маҷмуаи конфронси илмию амалӣ ба муносибати 95-солагии таъсисёбии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 7-уми декабри соли 2019 ДДМИТ).. – Душанбе. – 2020. - С. 184-188.

[11 - М]. Хусейнов, У.С. Внешняя торговля Таджикистана и Китая: состояние и перспективы развития [Текст] / У.С. Хусейнов, С.И. Олимов // Стратегическое партнерство по внешней политике Республики Таджикистан. – 2020с. С.142-146.

[12 - М]. Ҳусейнов, У.С. Дастгирии давлатии молиявии соҳибкории хурд ва миёна дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Маҷмуаи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе. - 2022. – С. 74-81

[13 - М]. Ҳусейнов, У.С. Зарурат, моҳият ва аҳаммияти иқтисодии буҷети давлатӣ / У.С. Ҳусейнов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он” (25-26 ноябри соли 2021). –Душанбе. - 2021. – С.406-412.

[14 - М]. Ҳусейнов, У.С. Рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он” (25-26 ноябри соли 2021). –Душанбе. - 2021. - С.362-369.

[15 - М]. Ҳусейнов, У.С. Таҷрибаи идоракунии низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва имконияти истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Ҳусейнов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Низоми нави ҷаҳонӣ”. – Душанбе. - 2021. - С.119-130

**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**УДК: 336.221** **На правах рукописи**

**ХУСЕЙНОВ УМАРДЖОН САИДАКБАРОВИЧ**

# ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ ПРОИЗВОДСТВЕННО-ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**(на примере малых и средних предприятий Республики Таджикистан)**

**АВТОРЕФЕРАТ**

**диссертации на соискание ученой степени доктора философии (PhD), доктора по специальности 6D050900 – Финансы (6D050901 – Финансы, денежное обращение и кредит)**

**Душанбе 2024**

Диссертационная работа выполнена на кафедре финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета.

**Научный руководитель:** **Абдуалимзода Хакимбек Абдуалим** – кандидат экономических наук, доцент, Ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Официальные оппоненты:** **Улугходжаева Хосият Рауфовна** - доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджиского национального университета;

**Якубзода Маъруф Садруддин** - доктор философии (PhD) по специальности – Финансы, Заведующий отделом управления качеством управления Технологического университета Таджикистана.

**Оппонирующая организация: Таджикский государственный университет коммерции**

Защита диссертации состоится «12» апреля 2024 года в 13:00 часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-014 в Таджикиском государственном финансово-экономическом университете. Адрес: 734067, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail faridullo72@mail.ru; телефон ученого секретаря: (+992) 935730010.

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться в Научной библиотеке Таджикского государственного финансово-экономического университета и на сайте www.tgfeu.tj.

Автореферат разослан «____» ________2024 года.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат экономических наук** **Убайдуллоев Ф.К.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В условиях становления рыночных отношений и формирования новых форм хозяйствования одним из важнейших элементов национальной экономики выступает система налогообложения. Актуализируется упрощенная система налогообложения в целях повышения экономического потенциала страны в интересах субъектов малого и среднего предпринимательства. Этот вопрос постоянно обсуждается на государственном уровне, а правительством обеспечивается его особый статус в программах и стратегиях развития налогообложения предпринимательской деятельности. Исходя из целей Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, планируется реализовать следующие меры по развитию деловой и инвестиционной среды: "…совершенствование Налогового кодекса Республики Таджикистан с целью упрощения налогового администрирования и снижения налогового бремени субъектов предпринимательства, а также формирования многоуровневой институциональной системы поддержки предпринимательства на основе создания территориально-отраслевых кластеров развития предпринимательства, специализированных фондов и поддержки развития инфраструктурных организаций."[4] В связи с этим представляется важным решение вопросов укрепления экономического потенциала в контексте развития производственного предпринимательства, поскольку способствует увеличению налоговых поступлений в местные бюджеты, развитию качественных услуг, а также решению социальных проблем. В то же время формирование и реализация экономического потенциала в условиях развития деятельности производственного предпринимательства в Республике Таджикистан является важным вопросом развития национальной экономики и актуализирует необходимость его изучения и исследования на государственном уровне.

В области реализации экономического потенциала страны существует множество теоретических, методологических и практических проблем. Поэтому дальнейшее развитие народного хозяйства с использованием новых форм ведения сельского хозяйства, таких как развитие деятельности субъектов малого и среднего производственного предпринимательства, является системой мер, укрепляющих социально-экономические отношения. Повышение экономического потенциала страны за счет развития производственного предпринимательства рассматривается как материальная основа, расширяющая интеграцию хозяйствующих субъектов, увеличивающая цепочку добавленной стоимости за счет переработки отечественного сырья и производства готовой продукции, обеспечения стабильности бюджета различных уровней. С нашей точки зрения, это поможет значительно увеличить объём экспорта и снизить зависимость экономики страны от импорта.

Ускорение развития субъектов малого и среднего производственного предпринимательства в рамках специальных систем налогообложения является важным направлением государственной поддержки бизнеса, способствует

---

[4] Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. – Душанбе, 2016. – С. 91.

укреплению экономического потенциала и обеспечивает развитие бюджетного потенциала страны. Следует отметить, что анализ и оценка будущих налоговых поступлений от субъектов малого и среднего производственного предпринимательства в связи с внедрением специальных систем налогообложения являются важным механизмом управления государственным бюджетом. Для достижения значимых результатов в этом направлении эффективным инструментом становится процесс совершенствования налоговой системы в рамках цифровизации деятельности субъектов производственного предпринимательства. Однако использование специальных режимов налогообложения в рамках поддержки субъектов малого и среднего предпринимательства в производственном секторе Республики Таджикистан ещё недостаточно изучено в отечественной литературе с теоретической, методологической и практической точки зрения.

Для укрепления новых форм организации их деятельности очень важно выявить направления совершенствования теоретических основ и практических действий, необходимых для укрепления новых форм организации деятельности в тесной связи с системой налогообложения. Требуется упорядочить механизм формирования политики налогообложения субъектов производственного предпринимательства и мер управленческого воздействия на объект, связанных с изменением налоговых ставок. Для этого могут быть использованы нормативные акты по развитию предпринимательской деятельности в рамках национальной экономики.

Изучение нормативно-правовых актов по государственной поддержке производственного предпринимательства в Республике Таджикистан показывает, что в настоящее время уровень развития данных производственных предприятий продолжается и находится в стадии становления. То есть в этом направлении возникла настоятельная необходимость государственной поддержки малых и средних субъектов экономики реального сектора, особенно производственного предпринимательства, в связи с применением специальных режимов налогообложения.

**Степень изученности научной темы.** По отдельным аспектам теоретических основ регулирования налогообложения проводили исследования зарубежные ученые, такие как Т.Ф. Юткина, О.В. Врублевский, М.В. Романовский, Ж.Б. Сей, Т.Н. Макаренко, А.Г. Куликов, В.Н. Николаев, И.П. Павлов, М.П. Антонова, В.А. Баринова, В.В. Громов, С.П. Земцов, А.Н. Красносельских, Н.С. Милоголов, А.А. Потапова, Ю.В. Царева, В.И. Макарова, Н.А. Новикова и другие.

Вопрос формирования теоретических и практических основ налогообложения малого бизнеса раскрыт в исследовательских трудах Н.И. Малиса, О.О. Юшковой, И. Грохотовой, А.Д. Крутова, С.А. Пушина, И. Андреевой, С. Бахрушиной, В. Глуховой, С. Никитиной, О. Козловой, Т. Кольцовой, М. Корнеевой, В. Петровой и других.

К числу научных исследований отечественных ученых, внесших значительный вклад в решение отдельных вопросов налогообложения и

предпринимательской деятельности, относятся научные труды Л.Х. Саидмуродзода, И.Р. Иброхимзода, Д.Г. Гулмирзоев, Х.Р. Улугходжаевой, Р.К. Раджабова, А.Б. Мирсаидова, С.Х. Хабибова, С.Дж. Комилова, С. Маъдиева, Х.А. Абдуалимзода, А. Бегматова, Х. Джумабоева, Т.С. Исломова, У.М. Вохидова, Дж. Л. Саидмуродова, М. Джамшедова, М.А. Одинаева, М.С. Содикова и других.

Теоретические, методологические и практические аспекты развития производственного предпринимательства в рамках систем налогообложения являются предметом многочисленных дискуссий среди отечественных и зарубежных ученых и экспертов. В то же время теоретические и практические аспекты совершенствования анализа деятельности и управления малыми и средними производственными предприятиями в рамках специальных систем налогообложения в Республике Таджикистан не изучены на необходимом уровне.

**Связь исследований с программами и научными темами.** Содержание и положения диссертации соотнесены с рядом государственных программ, связанных с развитием налогово-финансовой системы. Их можно использовать в практической реализации целей Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года в налогово-финансовой сфере; в практике Министерства финансов Республики Таджикистан при разработке и принятии программы «Бюджетирование Республики Таджикистан до 2025 года». Они могут быть также использованы в Налоговом комитете при Правительстве Республики Таджикистан при разработке различных руководств и инструкций, а также государственных программ налогового администрирования.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Целью исследования** является обобщение теоретических положений и разработка предложений по нормативно-правовому регулированию и совершенствованию системы налогообложения субъектов малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан.

